Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА - 014 назди
Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи
Ш.Шоҳтемур (734003, ш.Душанбе, хиёбони
Рӯдакӣ, 146.,www.tajagroun.tj,
E-mail: mtti2009@mail.ru)

# ТАҚРИЗ

**ба авторeферати Насридинов Шамолиддин Сайфиддинович дар мавзӯи "Такмил ва таъмини рушди устувори соҳибкории истеҳсолӣ дар соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон " барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.05- (Иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ: иқтисодиёт, ташкил ва идоракунии корхонаҳо, соҳаҳо, комплексҳо (комплекси агросаноатӣ ва кишоварзӣ)**

Ҳолати воқеии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо нокифоягии самаранокии соҳибкории истеҳсолӣ, идоракунии давлатии он, низоми суғурта, андозбандии муносиб ва дастгирии молиявӣ вобаста мебошад. Нокифоягии таҳқиқоти дар самти коркарди механизми самараноки иқтисодии идоракунӣ ва ҳавасмандсозии рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар кишоварзӣ, актуалии мавзӯи таҳқиқотии интихобшуда ва зарурияти таҳқиқоти ҳамаҷонибаи онро тақозо менамояд.

Муҳаққиқ соҳибкориро чун категорияи иқтисодӣ, кулли муносибатҳои иқтисодию иҷтимоии субъектҳои алоҳида дар истеҳсол, коркард, фурӯши мол, кор ва хизматрасониҳо, аз рӯйи принсипҳои мустақилият, худҷавобгарӣ, худтанзимкунӣ, худтаъминкунӣ, худидоракунӣ, худхариди хароҷотҳо бо истифода аз қобилияти дарки масъулият, ақл, ахлоқуодоб, қобилият, маҳорат, ақидаҳои хоҷагидорӣ ва истифодаи онҳо дар амалияи хоҷагидорӣ тавсиф намудааст.

Назарияҳои гуногуни рушди низомҳои иқтисодӣ ва мавқеи соҳибкориро таҳлил намуда, ҳамоҳангсозии миёни рушди соҳибкории истеҳсолӣ ва вазъи муҳити тиҷорати берунаро ошкор кардааст.

Ӯ тавонистааст, хусусиятҳои хоси давраҳои рушди фаъолияти соҳибкории истеҳсолӣ дар соҳаи кишоварзии Тоҷикистон, ки дар асоси таъсири омилхое, ки ба рушд ёфтани фаъолияти соҳибкории истеҳсолсоти кишоварзӣ монеа мешаванд, муайян карда, роҳҳои ҳалли онҳо нишон диҳад.

Дар баробари дастовардҳои илмӣ, кори диссертатсионии мазкур ба назари мо дорои камбудиҳо низ ҳаст.

1. Муаллиф рушди соҳибкории истеҳсолиро ба бунёди муҳити соҳибкорӣ вобаста карда ва дар намуди расма овардааст, вале муҳитҳои овардашуда шарҳ дода нашудааст.
2. Муаллиф изҳор намудааст, ки таъмини рушди устувори соҳибкории истеҳсолӣ дар соҳаи кишоварзӣ ба омилҳои иҷтимоӣ ба

тavри назаррас таъсир мерасонад. Вале дар автореферат таъсири он танҳо ба истифодаи захираҳои меҳнатӣ нишон дода шудааст. Мутаассифона дигар масъалаҳои иҷтимоӣ аз таҳқиқот берун мондаанд.

Вале, ин эродҳо ба натиҷаҳои ба дастовардаи муаллиф таъсириманфӣ расонида наметавонад.

Бо назардошти дастовардҳои илмии муҳаққиқ, диссертатсияи Насридинов Шамолиддин Сайфиддинович дар мавзӯи "Такмил ва таъмини рушди устувори соҳибкории истеҳсолӣ дар соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон " ба талаботҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тодикистон аз рӯи ихтисоси 08.00.05 - Иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ: иқтисодиёт, ташкил ва идоракунии корхонаҳо, соҳаҳо, комплексҳо (комплекси агросаноатӣ ва хоҷагии қишлоқ) ҷавобгӯ буда, муаллиф барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ сазовор мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
**номзади илмҳои иқтисодӣ,**
**дотсент мудири кафедраи иқтисоди корхонаҳо**
**ва соҳибкории Донишгоҳи давлатии молия ва**
**иқтисоди Тоҷикистон,** **Нуридинов С. З.**

**Суроғаи донишгоҳ: Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди**
**Тоҷикистон, 734067, шаҳри Душанбе, кӯчаи Нахимов, 64/14,**
**тел: (+992) 985-97-45-00 E-mail: nuridinov_sz@mail.ru**

**Имзои д.и.и., дотсент Нуридинов С.З.-ро тасдиқ менамоям:**
**Сардори шуъбаи кадрҳо ва**
**таъминоти ҳуқуқии ДДМИТ** **Раҷабов Б.С.**